**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6В.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2022, таҳти № 15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Аз замони пайдоиши давлат андозҳо ва ё пардохтҳо зинаи асосии рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати

миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ қайд намуданд: «Мақсади асосии сиёсати андозу буҷет сафарбар намудан ва самаранок истифода бурдани захираҳои молияи давлатӣ ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар мебошад.

Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи олии давлат, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мо бояд пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, такмили низоми идораи давлатӣ, суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, хулоса рушди муназзаму устувори иқтисодиёти мамлакатро таъмин намоем».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми қарздорӣ аз ҳисоби андоз ва ҳодисаҳои пинҳон ё саркашӣ намудан аз пардохти онҳо сол то сол зиёд шуда истодааст, ки ин нишонаи ҳамкории сусти мақомоти андоз бо субъектҳои хоҷагидор мебошад.

Воқеияти ҳаёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки сатҳи ошкоршавии ҷиноятҳо ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби судҳои кишвар давоми солҳои 2015-2022 оид ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ дар ҶТ якранг набуда, он тамоюли рӯ ба инкишоф ва ҳам камшавиро доро мебошанд. Масалан, дар соли 2015 – 84; 2016 – 49; 2017 – 29; 2018 – 24; 2019 – 23; 2020 – 10; 2021 – 16; соли 2022 (шаш моҳи аввал) – 5 ҷинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба қайд гирифта шудаанд.

Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, кам кардани сарбории андоз ва ба танзим даровардани санҷишҳои андоз тайи солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тадбирҳои муайян андешида мешаванд. Аз ҷумла, аз 23 декабри 2021 Кодекси андоз бо таҳрири нав қабул гардид, ки он низ бо мақсади дар сатҳи нав ба танзим даровардани муносибатҳо дар соҳаи андозбандиву андозситонӣ равона шудааст.

Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ,

ба монанди дигар ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд, барои ҷамъият хатари бештарро ба вуҷуд оварда, он боиси ноустувории сиёсати буҷети давлатӣ гардида, ба манфиатҳои миллии давлат таъсир мерасонад. Аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳо захираҳои молиявии давлатӣ ташкил карда мешаванд, ки низоми таъминоти иқтисодиву иҷтимоии мамлакати мо ба онҳо вобаста аст.

Барои ҷамъият хавфнокии ин ҷиноят дар иҷро накардани уҳдадории конститутсионии шаҳрванд – андозсупоранда зоҳир мегардад, яъне додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад (м.45 Конститутсияи ҶТ).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Таҳқиқоти мазкур аввалин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо мебошад. Ғайр аз ин, пештар дар сатҳи тадқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо батафсил таҳлил нагардида буданд. Мафҳуми муайяни саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо, аломатҳои таркиби он, роҳҳои содир шудани ин ҷиноятҳо дар ин кор таҳлили худро ёфта, усулҳои муайян кардани табиати ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ дида баромада шудаанд. Бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳои байни намудҳои гуногуни ҷинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тартиби бандубасти ин кирдорҳо мураттаб гардиданд, самтҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешаванд, масъалаи консепсияи нави илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мушаххас карда мешавад, меъёрҳои таҳлилӣ-муқоисавии ҳуқуқӣ-ҷиноятии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ аз нав муайян карда шудаанд, объектҳо, аломатҳои объективӣ ва

аломатҳои субъективии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ таҳлили худро ёфтаанд, хусусиятҳои системавӣ - умумии қонунгузорӣ ва ниҳоди аломатҳои ин ҷиноят муқаррар карда шудаанд.

Бояд зикр кард, ки ҷиноятҳо дар соҳаи андоз як зуҳуроти манфии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ фаҳмида шуда, ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда, яъне ворид нагардидани маблағи пулӣ ба низоми буҷети ҶТ аз ҳисоби андозҳо ва ё пардохтҳо таҷовуз мекунад.

Ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ин кирдори барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорона ва зиддиҳуқуқие мебошад, ки аз тарафи андозсупорандагон ва шахсони мансабдори ваколатдор бо мақсади ғарази шахсӣ дар ин самт содир мешаванд ва дар натиҷа зарари молиявӣ ба миқдори калон ба буҷети давлат ва дар баъзе мавридҳо ба андозсупоранда расонида мешавад.

Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дорои якчанд хусусиятҳо мебошанд: (саҳ 15-16)

1) Ба низоми ҷамъоварии андозҳо ва пардохтҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ, ки пардохт нагардидани он ба манфиатҳои иқтисодии давлат зарари калон мерасонад, суиқасд мекунад. Аз се ду ҳиссаи буҷети давлатии ҶТ аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ мебошад. Ҳангоми ворид нашудани маблағҳо ба буҷет давлат функсияҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳатто қисман сиёсии худро иҷро карда наметавонад. Дар байни тамоми ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ зарари саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо калон мебошад;

2) ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дараҷаи баланди латентӣ доранд;

3) ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои соҳаи андоз бояд дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди КА ҶТ, аз 14 сентябри соли 2012, № 417, Қонуни ҶТ «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006, № 197 ва инчунин Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» 25 марти соли 2011, № 702 ва ғайраҳо ба назар гирифта

шаванд. Масалан, КА ЧТ мафҳумҳои асосиеро (ба монанди “андоз» «андозсупоранда», «манбаи андоз», «даромад ва хароҷот» «супоридани андозҳо» «шахсони ҳуқуқии андозсупоранда» «эъломияи андоз» «ҳисоб ва пардохти андоз» ва ғайраҳо) муқаррар кардааст, ки унсурҳои таркибии диспозитсияи м. 292-293 КҶ ҶТ-ро ташкил медиҳанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст бештари масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон диҳад, ки ин хадафи асосиашро ташкил медиҳад.

Эътимоднокии натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз методҳои муосири таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи кор мувофиқат мекунанд, ифода меёбад. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст. Натиҷаи тафсир ва таҳлилҳои амалияи судӣ - тафтишӣ бо истифодаи методҳои муосири коркарди маълумот ва таҳқиқи амалияи ҳуқуқтатбиқкунанда ба роҳ монда шудааст.

Бо дарназардошти таҳлили илмӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертант дуруст чунин пешниҳод менамояд, ки:

1. Бо мақсади мустаҳкам ва дурусттар шудани низом ва сохтори КҶ ҶТ боби 27 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ) ба ду боби алоҳида ҷудо карда шаванд:

Боби 27. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ (моддаҳои 258-260[1]; 262-280; 282-283; 286; 288; 294-297 КҶ ҶТ).

Боби 27[1]. Ҷиноятҳо дар соҳаи молияи давлатӣ (моддаҳои 261; 281; 284-285; 287; 289-293 КҶ ҶТ). (Яъне ҷиноятҳое, ки объекти бевоситаи онҳо зарари молиявӣ ба давлат мебошад), (саҳ. 178-179).

Дар хулоса муаллиф дуруст зикр мекунад, ки мавқеи ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дар низоми Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ба таври гуногун дида мешавад: дар давлатҳои Литва ва Гурҷистон ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дар боби ҷиноятҳо ба муқобили молияи давлатӣ, дар Ӯзбекистон, Қазоқистон, Озорбойҷон ва ғ. дар доираи ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, дар Ҷумҳуриҳои Украина, Эстония ва ғ. дар доираи ҷиноятҳо дар соҳаи хоҷагӣ, дар Дания, Норвегия, Швейтсария, Аргентина дар доираи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, дар Испания, Сан-Марино, Полша, Ҷумҳурии Корея, Аргентина ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва идоракунии давлатӣ ва дар Олмон, Дания, Норвегия, Туркия, Фаронса дар низоми ҷиноятҳои мансабӣ ҷойгир шудаанд (саҳ.175).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор овардашударо дар таҳқиқоти минбаъдаи илмии мушкилот вобаста ба ҷиноятҳои соҳаи андоз метавон истифода кард.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ, омӯзиши мавзуъҳои алоҳидаи фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи андоз, криминология ва курсҳои махсуси соҳавӣ, инчунин дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ (Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон), судҳо ва мақомоти андоз ва аудит метавонанд, истифода карда шаванд. Маводҳои таҳқиқот барои гузаронидани

семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

Муаллиф зикр мекунад, ки агар нисбати шахс бо моддаҳои 291-293 Кодекси мазкур парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ҳангоми тафтиши пешакӣ ва ё баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ шахс маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра супорад, дар асоси м. 72 ҳамин Кодекс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

Илова бар ин, дуруст қайд карда шудааст, ки дар мавриди пас аз баровардани ҳукми суд маҳкумшуда маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра супорад, бо қарори суде, ки ҳукм баровардааст, ё суди маҳаллӣ иҷрои ҷазо ва ё суди болоӣ, аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда мешавад. Насупоридани пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ки дар моддаҳои 291-293 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, ҳангоме бо расонидани зарари калон содиршуда ҳисобида мешавад, ки агар маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳои супориданашуда аз бист ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва бо расонидани зарари махсусан калон содир шуда, аз сию ҳафт ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад (саҳ. 180-181).

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ дар маҷмуъ муаллифи 9 мақолаҳои илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мебошад, ки аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои ватанӣ интишор шудаанд. Ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Қобили қайд аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.** Диссертатсияи Давлатов Б.С. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин метавон нишон дод:

**1.** Дар зербоби 3 боби 2-юми кори илмӣ масъалаи субъекти ҷинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст. Дар параграфи мазкур масъалаи худи шахсони ҳуқуқӣ чун субъекти ҷиноят тамоман баррасӣ нашудааст, гарчанде ки қонунгузории ҷиноятии ҶТ (м.22) ба ҳайси субъекти ҷиноят танҳо шахсони воқеиро муқаррар мекунад. Дар қонунгузории ҷиноятии якчанд давлатҳои хориҷӣ (ба монанди ИМА, Давлатҳои Аврупо, Озорбойҷон, Туркманистон, Гурҷистон ва ғ.) шахсони ҳуқуқӣ субъекти мустақили ҷиноят эътироф шудаанд. Хуб мешуд, ки дар параграфи мазкур ин масъала баррасӣ қарор мегирифт (саҳ.145-159).

**2.** Дар кори илмии мазкур зербоби 2 боби 1-ум масъалаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ таҳлил шудааст. Яке аз масъалаҳое, ки бояд баррасӣ мешуд, ин “Ҷойи ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дар низоми қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ” мебошад. Ин масъала бояд таҳлил шуда, дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии ҶТ баҳогузорӣ мешуд. Зеро қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳо ҷиноятҳо дар соҳаи андозро ба низоми ҷиноятҳо дар соҳаи сиёсати давлатӣ, дигаре ба низоми ҷиноятҳо дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ, сеюмин ба ҷиноятҳо дар соҳаи хоҷагидорӣ ва ғайраҳо дохил мекунанд. Қонунгузории ҷиноятии ҶТ бошад ин ҷиноятҳоро ба низоми ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дохил мекунад. Дар раванди ҳимояи ошкоро хуб мешуд, ки муаллифи рисола ин масъаларо ба таври илмӣ равшан намояд (саҳ.49-78).

3. Дар навгонии якуми пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд, муаллиф мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи андозро ба мазмуни зайл пешбинӣ намудааст, яъне ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ин кирдори барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорона ва зиддиҳуқуқие мебошад, ки аз тарафи андозсупорандагон ва шахсони мансабдори ваколатдор бо мақсади ғаразӣ шахсӣ дар ин самт содир мешаванд ва дар натиҷа зарари молиявӣ ба миқдори калон ба буҷети давлат ва дар баъзе мавридҳо ба андозсупоранда расонида мешавад. Ба андешаи мо, ин мафҳум баҳсталаб буда, ба такмил ниёз дорад. Зеро ҷиноятҳое, ки шахсони мансабдори мақомоти андоз содир мекунанд ба ҷиноятҳои мансабӣ дохил буда, танзими худро дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ ёфтааст (саҳ.15-16).

Мулоҳизаҳои баҳсталабе, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснок анд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиётҳои соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин усул ба чунин таҳқиқоти илмӣ хос мебошад.

Мазмуни диссертатсия мукаммал ба назар расида, муҳтавои он аз навгониҳо илмӣ шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи Давлатов Б.С. ба талаботи банди 31 ва 33, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии

диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Тақриз мутобиқи бандҳои 71-72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

**Қисмати хотимавии тақриз ва сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи номзади илмӣ ба талаботҳои бандҳои 31,33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боиси он мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд, ки ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо, инчунин дар амалия, бахусус аз ҷониби кормандони оперативӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ ва дар рафти тафтишоти пешакӣ ва судӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Давлатов Б.С.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмхои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгохи славянин Русияву Тоҷикистон** **Абдуҳамитов В.А.**

**Имзои Абдухамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгохи славянин Русияву Тоҷикистон** **Рахимов А.А.**

734000, ш.Душанбе, кучаи. М.Турсунзода, 30
Тел: (992) 37 221-35-50
Факс: (992) 37 221-35-50
Почтаи эклектронӣ: p.rektora@vail.ru

“12” январи соли 2023